Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

# Мӯрчае дона ёфт



Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Америко нашр шудааст, ки он аз тариқи
Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад.
Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо
нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.



Мӯрчае дона ёфт,
Аз таги дӯлона ёфт.



Шод шуду хона бурд,



Дона сари шона бурд.



– Модар! Ана, дона! – гуфт, –
– Донаи дӯлона! – гуфт.



Чеҳраи модар шукуфт,
Гарм бибӯсиду гуфт:



– Шукр, калонак шудӣ,
Донакашонак шудӣ!

Мӯрча чӣ ёфт?
Донаро чӣ тавр бурд?
Ба модараш чӣ гуфт?
Модараш чӣ кор кард?
Баъд чӣ гуфт?

**Калонсолони гиромӣ!**

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон дода, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додани кӯдак, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадей нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

**Комёбу муваффақ бошед!**